# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдуррахмони Ҷомӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишвархои хоричии Аврупо, Осиё, Африко, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб). – Душанбе, 2022. – 177 сах.**

Мусаллам аст, ки таърихи робитаҳои адабиву фарҳангии араб ва мардуми форситабор аз давраҳои қабл аз ислом оғоз меёбад. Баъд аз зуҳури дини ислом ва ишғоли сарзаминҳои аҷдодии мо аз ҷониби арабҳо таъсири мутақобилаи фарҳангу забон ва адабиёти араб ва форсу тоҷик густурдатар гардид. Таҳқиқу пажуҳиши робитаҳои адабӣ ва таъсирпазириву таъсиргузории намояндагони алоҳидаи адабиёти арабӣ ва форсии тоҷикӣ ҷанбаҳои ҷолиби адабиёти татбиқиро мекушояд.

Мавлоно Абдуррахмони Ҷомӣ яке аз шоирони барчастаи адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад, ки дар таҳкими алоқаҳои адабӣ миёни забону адабиёти арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ нақши муҳим гузошта, аз ин адабиёти оламшумул таъсир пазируфтааст.

Аз миёни шоирони арабе, ки бар эҷодиёти суханварони форсу тоҷик, хоссатан ба осори Абдуррахмони Ҷомӣ таъсир гузоштааст, Умар ибн ал-Форизи Мисрӣ (1181-1235) мулаққаб ба "Султон-ул-ошиқин" мебошад. Агарчи аз Ибн ал-Фориз девони ҳаҷман хурд боқӣ монда бошад ҳам, вале бо вуҷуди ин аз машҳуртарин девонҳои шеъри араб ба ҳисоб меравад. Яке аз омилҳои маъруфияташ дар он будааст, ки ба аксари қасидаҳои ӯ шарҳҳо навиштаанд. Мавлоно Ҷомӣ низ ба ду қасидаи ӯ шарҳ навиштааст, ки дар байни алоқамандони назми ирфонӣ аз арзишмандтарин шарҳҳо ҳисобида мешавад. Гузашта аз ин, дар манзумаҳои Ҷомӣ таъсири мазмуну муҳтаво ва мавзуоти шеъриии Ибн ал-Фориз ба назар мерасанд.

Диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи “Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” ба ҳамин масъалаи муҳимми арабшиносӣ бахшида шудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб ва нуҳ фасл иборат буда, ҳамчунин дар охир ба таври алоҳида тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ оварда шудааст. Ба ин тартиб банду баст ва таркиби рисола барои таҳқиқи муфассал ва амиқи илмии мавзуъ мусоидат намуда, имкон додааст, ки муаллифи рисола дар ҳар боби алоҳида ва дар охир ба таври ҷамъбаст ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мавзуъро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муҳим ва қобили эътимод бирасад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, дар тавсифи умумии таҳқиқ бошад, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия оварда шудааст.

Боби аввали диссертатсия **“Баррасии аҳвол ва ашъори Ибн ал-Фориз”** унвон гирифта, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввали боби якум **“Зиндагиномаи Ибн ал-Фориз”** ном гирифта, муҳаққиқ дар ин фасл бо истифода аз сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва асарҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ тамоми паҳлуҳои зиндагӣ ва фаъолияти Ибн ал-Форизро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Навгоние, ки дар диссертатсия дар мавриди зиндагиномаи Ибн ал-Фориз ба назар мерасад, ба тазкираи ирфонии Ҷомӣ – “Нафаҳот-ул-унс” вобастагӣ дорад. Диссертант маводи дар тазкира бобати Ибн ал-Фориз овардашударо таҳлилу муқоиса карда, ба чунин хулоса омадааст: “Мавлоно Ҷомӣ дар асари хеш тамоми марҳилаи ҳаёту зиндагӣ ва фаъолияти Ибн ал-Форизро ба таври фишурда ва гоҳо муфассал, чун

сакароту ташйии ҷаноза баён намуда, дар ин замина ду асари арабӣ – “Миръот-ул-ҷинон”-и Имом Ёфиӣ ва “Дебоча”-и Шайх Алиро сарчашмаи кори хеш қарор додааст. Метавон гуфт, ки қисмати аввалу охири матни Ҷомӣ дар мавриди Ибн ал-Фориз аз “Дебоча” ва бахши миёна, ки доир ба арзиши девону қасоиди ӯ баҳс меравад аз “Миръот-ул-ҷинон” истифода шудааст. “Нафаҳот-ул-унс”-и Ҷомӣ, воқеан ҳам, симои Ибн ал-Форизро миёни урафои дигар бештар муаррифӣ намудааст” (Диссертатсия, с. 29).

Фасли дуюми боб **“Ашъори Ибн ал-Фориз ва мухтассоти сабкии он”** номгузорӣ шуда, диссертант дар он вижагиҳои хосси ашъори шоир ва хусусиёти адабии онро таҳлил кардааст. Девони шоир анвои гуногуни шеърӣ, аз қабили қасида, қитъа, дубайтӣ, луғзро дарбар мегирад. Муаллиф тамоми ашъори Ибн ал-Форизро табақабандӣ намуда, қабл аз вуруд ба ин бахшҳо баҳсҳои кутоҳи назариявӣ доир карда, қасидаву қитаот ва дубайтиву луғзҳои шоирро аз нигоҳи таърихӣ, жанрӣ, бадеиёт, сабк ва хусусиёти он таҳлилу таҳқиқ кардааст. Ӯ басомади истифодаи таҷнисро дар девони шоир бартарӣ дода, корбурди исмҳои хурду навозишро яке аз хусусиятҳои вижаи ашъори Ибн ал-Фориз меҳисобад.

Мавзуъбандии боб, масъалагузориҳо, ҳалли масоил ва натиҷагириҳои боби мазкур мувофиқи мақсад аст. Муҳаққиқ дар интиҳои ҳар як боб ба хулосаҳои мушаххас омадааст, ки ин яке аз сифатҳои хуби кори илмӣ ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия – “**Абдуррахмони Ҷомӣ ва адабиёти араб**” – Холов А.С. масъалаҳои баррасии мақоми Ҷомӣ дар манобеи арабӣ, алоқамандии ӯ бо адабиёти араб, таъсирпазирӣ аз шоирони давраи ҷоҳилӣ ва баъд, омӯзиши нусхаҳои хаттии Ҷомӣ дар доираҳои адабии арабӣ ва тарҷумаҳои арабии осори Ҷомиро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки як навъ таъсири адабии мутақобилаи Арабу Аҷамро ифода мекунад. Диссертант нуфузи Ҷомиро ба адабиёти араб аз чанд нигоҳ нишон дода тавонистааст, ки айни замон таҳқиқи чунин мавзуъҳо хеле мубрам аст. Муҳаққиқ дар таҳлили ин боб ба чунин натиҷа расидааст, ки

нахустин сарчашмаи арабие, ки Мавлоно Ҷомиро миёни мардуми араб муаррифӣ кардааст, тазкираи “Аш-шақоиқ-ун-нуъмония”-и Аҳмад ибни Мустафо Тошкубризода ва аввалин тарҷумаи арабии осори Ҷомӣ мансуб ба охири асри XV, тарҷумаи арабии “Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс” аз ҷониби Тоҷиддин ибни Закариё Нақшбандии Ҳанафӣ (ваф. 1000ҳ./1612м.) мебошад. Ғайр аз ин тарҷума, ҳамчунин маснавиҳои “Саломон ва Абсол”, “Юсуф ва Зулайхо”, “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Хирадномаи Искандарӣ” ва китобу рисолаҳои дигар, аз қабили “Баҳористон”, “Шарҳи рубоиёт”, “Лавомеъ” ва “Рисолаи Вахдати вуҷуд” низ ба забони арабӣ борҳо тарҷума шудаанд, ки муаллиф дар диссертатсия баъзе тарҷумаҳоро бо матни асл таҳлилу баррасӣ кардааст.

Ба андешаи Холов А.С.: “робитаву алоқаи Абдуррахмони Ҷомӣ бо забон ва адабиёти араб дар шаклҳои гуногун сурат гирифта, дар эҷодиёти худ аз таркибу ибораҳои арабӣ, образҳои адабии маъруфи адабиёти араб, ашъори муламмаъ, мазмуну мухтавои қасидаҳои шуарои давраи ҷоҳилӣ ва баъд аз он, хоссатан аз ашъори Имруулқайс, Тарафа ибн ал-Абд, Фараздақ, Имом Алӣ, Имом Шофеӣ, Ал-Мутанаббӣ, Ибни Арабӣ ва махсусан Ибн ал-Фориз истифода кардааст. Инчунин, суннати қасидасароии давраи ҷоҳилиро дар ашъори худ аз нигоҳи ишқу ирфон баён намудааст” (Диссертатсия, с. 91-92).

Боби сеюми диссертатсия “**Таҳлили таъсиргузории ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдуррахмони Ҷомӣ**” унвон дошта, аз чор фасл “Шарҳи Абдуррахмони Ҷомӣ ба қасидаи “Тоияи кубро”-и Ибн ал-Фориз”, “Муқоисаи қасидаи “Тоияи кубро”-и Ибн ал-Фориз бо тарҷумаи “Тоия”-и Абдуррахмони Ҷомӣ”, “Шарҳи Абдуррахмони Ҷомӣ ба қасидаи “Хамрия”-и Ибн ал-Фориз” ва “Таъсири маонии ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдуррахмони Ҷомӣ” иборат аст.

Холов А.С. дар таҳқиқи ин боб таъсири ашъори Ибн ал-Форизро ба эҷодиёти Абдуррахмони Ҷомӣ ба таври муфассал нишон дода, бештар ба ду қасидаи шоир “Тоияи кубро” ва “Хамрия” такя карда, ба натиҷагириҳои мушаххаси илмӣ расидааст. Ба андешаи муаллиф ба ашъори Ибн ал-Фориз

шарҳҳои зиёде ба забони форсии тоҷикӣ ва арабиву туркӣ навишта шудаанд ва аз аввалин шарҳҳои қасоиди шоир шарҳи ба забони форсии тоҷикӣ нигоштаи Саидуддини Фарғонӣ – "Машориқ-уд-дарорӣ" мебошад.

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки дар адабиётшиносӣ ва матншиносии эрону тоҷик тарҷумаи "Тоия"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст ва ба нашр расидани он ба муҳаққиқи эронӣ Содиқ Хуршо алоқамандӣ дорад. Диссертант аз ҳамин нашр истифода карда, тарҷумаи Ҷомиро аз ҷиҳати таъсири вожаву таркибот, қофияву радиф ва мазмуну муҳтавои қасидаи Ибн ал-Фориз таҳлили қиёсӣ намудааст.

Дар фасли сеюми боби охир – **"Шарҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ ба қасидаи "Хамрия"-и Ибн ал-Фориз"** – муҳаққиқ хусусиятҳои адабӣ, сабкӣ, истифодаи саҷъҳо дар шарҳи Ҷомӣ ва таъсири қасидаро ба мазмуну муҳтавои рубоиёти шарҳ аз нигоҳи илмӣ баён сохтааст. Диссертант барои муайян кардани дараҷаи таъсирпазирии Ҷомӣ аз қасидаи Ибн ал-Фориз байти қасидаро оварада, бо тарҷумаҳои насрӣ ва рубоиёти Ҷомӣ муқоиса намудааст. Ҳамчунин мавқеи шарҳи Ҷомиро миёни дигар шарҳҳо нишон дода, чунин натиҷагирӣ кардааст: "Метавон гуфт, ки аз миёни тамоми шарҳҳои арабиву форсӣ-тоҷикӣ ва туркии қасидаи "Хамрия" ё "Мимия"-и Ибн ал-Фориз шарҳи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ зимни таъсирпазирӣ аз сохтору муҳтавои қасида аз тамоми ҷиҳат, чи аз лиҳози фарогирии мазмуну муҳтаво ва ҳаҷму сохтор ва чи аз ҷиҳати сабку баён, дар пояи аввал қарор гирифтааст, зеро ҳам алфозу луғоти қасида тавзеҳоти комил доранд ва ҳам тарҷумаи абёти он насриву назмӣ сурат гирифтааст, ки дар ҳеҷ як шарҳи дигар чунин хусусиёт ба назар намерасад" (Диссертатсия, с. 130).

Дар фасли охири боби сеюм муаллиф асосан таъсири ду мавзуи меҳварии ашъори Ибн ал-Фориз: ишқи илоҳӣ ва хамри ирфониро бо шаклу шеваҳои гуногун дар манзумаҳои Ҷомӣ таҳқиқ намудааст. Дар ин фасл дар диссертатсия мисолу шоҳидҳои зиёд оварда шуда, бо эҷодиёти Ҷомӣ дар муқоиса таҳлил карда шудааст.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқоти сомондодаи хеш дар поёни ҳамаи фаслу бобҳо хулосабардорӣ намуда, дар интиҳои диссертатсия ба натиҷагирии комили илмӣ омадааст, ки падидаи мазкур боиси афзунии арзиши илмии таҳқиқ гардидааст. Ҳамин тариқ, аз назари доираи тадқиқ, тозакорию навоварӣ, методи таҳлил, арзиши илмӣ диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович комилан ҷавобгӯйи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола якчанд норасоиҳои ҷузъии ислоҳталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзоянд:

1. Ба андешаи мо, агар таъсири шеъри форсии тоҷикӣ ба рубоиёти Ибн ал-Фориз муфассалтар мавриди омӯзиш қарор мегирифт, арзиши илмии диссертатсия бештар мегардид.

2. Дар фасли дуюми боби сеюми диссертатсия тарҷумаи "Тоия" ба Абдурраҳмони Ҷомӣ нисбат дода шудааст, дар ҳоле ки сарчашмаҳои муътамад ва таърихӣ аз ин асари Ҷомӣ ном набурдаанд. Бинобар ин, дар ин масъала баъзе норавшаниҳо боқӣ мондааст.

3. Ба назари мо, дар номи баъзе фаслҳо, аз қабили фасли якум ва сеюми боби сеюм бояд масъалагузории илмӣ сурат мегирифт.

4. Дар диссертатсия гоҳо такрори фикру андешаҳо ба чашм мерасанд, ки метавон танҳо бо ишорае аз он иктифо кард.

5. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ роҳ ёфтаанд, (масалан, Султон-ул-ошиқиин - саҳ. 3, 15, 18; Хотамушшуаро - саҳ. 5, калимаи "муарифӣ" – саҳ. 29, "ишорат" – саҳ. 21, 28, 33, 39, 44, 98, 118 ... ва "ишора" – саҳ. 20, 25, 35, 40, 49, 64 ... ), ки ислоҳи онҳо боиси афзудани муҳассаноти кори илмӣ-таҳқиқотӣ хоҳад шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ хусни диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ислоҳи онҳо барои комил гардидани арзиши илмии таҳқиқ мусоидат менамояд.

Хулоса, диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи “Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Холов А.С. мухтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи “Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” ба талаботи бандҳои 31-37 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мебошад.

**Мукарризи расмӣ:**

Доктори илми филология, профессор,
ноиби ректор оид ба муносибатҳои
байналмилалии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Восиева Р.Қ.

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: + 992 981-06-65-34
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

«14» январи соли 2023

Имзои Р.Қ. Восиеваро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

«14» январи соли 2023

Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел: +992(37) 224-13-83; E-mail: info@tgpu. tj